Муаллиф: Administrator
15.12.2021 21:56 -

**ДУШАНБЕ, 15.12.2021. /АМИТ «Ховар»/.** *Рӯзи 13-уми декабри соли ҷорӣ вохӯрии Вазири корхои дохилии ЧТ Рамазон Рахимзода, Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии ЧТ Саймумин Ятимов ва бо супориши Прокурори генералии ЧТ Юсуф Рахмон, Прокурори ВМКБ Орифзода П. бо намояндагони чомеаи шахрвандии шахри Хоруг баргузор гардид. Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» аз Маркази матбуоти Прокуратураи ВМКБ хабар доданд.*

Дар рафти вохӯрӣ ахбороти Прокурори вилоят дар бораи пешбурди харакатхои тафтишотӣ вобаста ба амалхои чиноятӣ ва гайриконунии содиршуда зимни ходисахои 25-28-уми ноябри соли чорӣ, ташхисоти анчомёфтаи судӣ, хамкорихо байни аъзоёни гурӯхи тафтишотӣ ва намояндагони чомеаи шахрвандӣ батафсил шунида шуд.

Сипас, Вазири корхои дохилии ЧТ Рахимзода Р.Х. ва Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии ЧТ Ятимов С.С. баромад карда, ба намояндагони чомеаи шахрвандӣ ва сокинони шахри Хоруг барои кумакашон бахри ба эътидол овардани вазъият изхори сипос намуда, андешаю пешниходхои худро дар масъалахои вобаста ба таъмини волоияти конун, роххои конунии халли мушкилоти чойдошта изхор доштанд.

Аз чониби намояндагони чомеаи шахрвандӣ хукукшиносон Холикназаров Манучехр ва Мубаракшоён Музаффар баромад карда, оид ба рафти корхои тафтишотӣ каноатмандии худро баён намуданд ва хамзамон, ба баъзе саволхои додаи худ аз иштирокчиён ва гурӯхи тафтишотӣ посух гирифтанд.

Дар рафти вохӯрӣ бори дигар таъкид гардид, нисбат ба ашхоси муддати дароз дар кофтукови чиноятӣ карордошта, ки новобаста аз пешниходи даъватнома ба назди макомоти тафтишотӣ хозир намегарданд, тибки конун чорахои ба тарзи мачбурӣ таъмин кардан барои тафтишот татбик карда хоханд шуд.
Иштирокчиёни вохӯрӣ ба мувофика расиданд, ки раванди харакатхои тафтишотӣ тибки талаботи конунгузории чумхурӣ идома дода мешавад.